# المختصر في آداب زيارة المسجد النبوي وأحكامها (للجمعية)

# Рисолаи кӯтоҳ дар баёни одоб ва аҳкоми зиёрати Масҷиди набавӣ

## Рисолаи кӯтоҳ дар баёни одоб ва аҳкоми зиёрати Масҷиди набавӣ

Кумитаи илмии Ҷамъияти хидматрасонӣ ба муҳтавои исломӣ бо забонҳои гуногун.

## Рисолаи кӯтоҳ дар баёни одоб ва аҳкоми зиёрати Масҷиди набавӣ

Кумитаи илмии Ҷамъияти хидматрасонӣ ба муҳтавои исломӣ бо забонҳои гуногун.

Ҳамду ситоиш Парвардигори ҷаҳониёнро ва дуруду салом бар Паёмбари мо Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва бар тамоми хонадон ва асҳобаш.

Аммо баъд:

Ин рисолаи кӯтоҳест дар бораи одоби зиёрати Масҷиди набавӣ ва аҳкоми он. Дар ин рисола кӯшиш намудем, то аксари он чиро, ки зоири Масҷиди набавӣ ба он ниёз дорад, баён созем.

Ва аз Худованд мехоҳем, ки онро холисона барои ризои Хеш бигардонад ва тамоми мусалмононро аз он баҳраманд гардонад.

Кумитаи илмии Ҷамъияти хидматрасонӣ ба муҳтавои исломӣ бо забонҳои гуногун.

## Рисолаи кӯтоҳ дар баёни одоб ва аҳкоми зиёрати Масҷиди набавӣ

Зиёрати масҷиди Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мустаҳаб аст, вақти муайян надорад

ва аз аъмоли ҳаҷ нест. Барои ҳоҷиён, хоҳ мардон бошанд ё занон, зиёрати қабри Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва қабристони Бақиъ лозим нест.

Маҳз ба қасди зиёрати қабри Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) сафар кардан (ба Мадина) ҷоиз нест, зеро сафари ибодатӣ барои зиёрати қабрҳо нест, балки танҳо барои масҷидҳои сегона аст. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«لَا تَشُدُّوا الرِّحَالَ إِلَّا إِلَى ثَلَاثَةِ مَسَاجِدَ: مَسْجِدِي هَذَا، وَالمَسْجِدِ الْحَرَامِ، وَالمَسْجِدِ الأَقْصَى».

"Бори сафар баста намешавад, магар ба сӯи се масҷид: ин масҷиди ман, Масҷидул-ҳаром ва Масҷидул-ақсо". (1)[1]

Шахсе, ки аз Мадина дур аст, барояш сафар кардан бо қасди зиёрати қабр ҷоиз нест, аммо сафар кардан ба қасди зиёрати Масҷиди набавии шариф барояш ҷоиз аст. Пас, вақте ба он ҷо расид, қабри Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва қабрҳои саҳобагонашро зиёрат мекунад, ки дар ин сурат зиёрати қабри ӯ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ҷузъи зиёрати масҷидаш мегардад.

Барои зан зиёрати қабри Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва қабри каси

[1] Ривояти Бухорӣ, рақами (1189), Муслим, рақами (827) ва лафзаш аз ӯст.

дигар ҷоиз нест, зеро Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) занҳои зиёраткунандаи қабристонро нафрин кардааст. Дар зиёрати занҳо аз қабристон хавфи он аст, ки он боиси навҳагариву нола, ороишу беҳиҷобӣ ва дигар мухолифатҳои шаръӣ мешавад. Аммо барои онҳо зиёд дуруду салом фиристодан ба Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар масҷид ва ҷойҳои дигар мустаҳаб аст. Ва дуруд дар ҳар куҷое, ки бошад, ба Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мерасад, зеро Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

«لَا تَجْعَلُوا بُيُوتَكُمْ قُبُورًا، وَلَا تَجْعَلُوا قَبْرِي عِيدًا، وَصَلُّوا عَلَيَّ، فَإِنَّ صَلَاتَكُمْ تَبْلُغُنِي حَيْثُ كُنْتُمْ»،

"Хонаҳои худро монанди қабристон насозед, қабри маро ҷашнгоҳ қарор надиҳед, бар ман дуруд бифиристед, зеро дуруди шумо ҳар ҷое бошед ба ман мерасад".[1] Инчунин Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

«إِنَّ لِلَّهِ مَلَائِكَةً سَيَّاحِينَ فِي الْأَرْضِ يُبَلِّغُونِي مِنْ أُمَّتِي السَّلَامَ».

"Барои Худованд фариштагоне ҳаст, ки дар рӯи замин гардиш мекунанд ва саломи умматамро ба ман мерасонанд".[2]

Ҳангоми ворид шудан ба Масҷиди набавӣ мустаҳаб аст, ки шахс пои рости худро пеш гузорад ва бигӯяд: "Бор илоҳо, дарҳои раҳмати

---

[1] Ривояти Абудовуд, рақами (2042).
[2] Ривояти Аҳмад дар Муснад, рақами (4320).

худро барои ман боз кун". Ҳамон гуна ки ин дуоро ҳангоми ворид шудан ба дигар масҷидҳо мегӯяд.

Ва барои дохил шудан ба масҷиди он Ҳазрат (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) зикри махсус вуҷуд надорад.

Сипас ду ракаъат намози таҳияи масҷид мехонад.

Ва агар вақти наҳй набошад, ихтиёр дорад, ки ҳар қадар бихоҳад ду ракъат-ду ракъат намози нафл бихонад. Расули Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«صَلَاةٌ فِي مَسْجِدِي هَذَا، خَيْرٌ مِنْ أَلْفِ صَلَاةٍ فِيمَا سِوَاهُ، إِلَّا الْمَسْجِدَ الْحَرَامَ».

"Як намоз дар масҷиди ман беҳтар аз ҳазор намоз дар дигар масҷидҳо аст, ҷуз Масҷидул-ҳаром"[1].

Агар имкон шавад, бояд барои намоз хондан дар Равза, ки он миёни минбари Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ҳуҷраи ӯ ҷойгир аст, талош кунад.

Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ин мавридд чунин фармудаанд:

«مَا بَيْنَ بَيْتِي وَمِنْبَرِي رَوْضَةٌ مِنْ رِيَاضِ الْجَنَّةِ».

"Байни хонаи ман ва минбарам боғе аз боғҳои биҳишт аст"[2].

---

[1] Ривояти Бухорӣ, рақами (1190), Муслим, рақами (1394).
[2] Ривояти Бухорӣ, рақами (1195), Муслим, рақами (1390).

Ва агар барояш имкон нашуд, ғайр аз намози ҷамоат дар ҳар ҷониби масҷид метавонад намоз хонад. Аммо дар намози ҷамоат бояд сафи аввалро, ки аз паси имом аст, риоят кунад, бинобар далелҳое, ки дар ин маврид омадаанд.

Ва аммо агар қасди зиёрати қабри Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва қабри ду ёрашро намояд, бояд:

Дар назди қабри он Ҳазрат (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) бо адабу виқор, бидуни баланд кардани садо биистад, сипас ба ӯ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) салом дода, чунин бигӯяд: "Ассалому алайка ё расулал-лоҳи ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ". Ва агар бигӯяд: "Гувоҳӣ медиҳам, ки шумо дар ҳақиқат расули Худо ҳастед ва шумо рисолатро расонидед, амонатро адо намудед, дар роҳи Худо чунонки шоиста буд, ҷаҳду талош кардед ва умматро насиҳат кардед. Худо аз ҷониби уммататон ба шумо беҳтарин подошро ато фармояд, ки ба паёмбаре аз ҷониби умматаш ато кардааст", боке нест.

Сипас андаке ба тарафи рост гузашта, ба Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳу) салом медиҳад.

Сипас каме ба тарафи рост рафта, ба Умар ибни Хаттоб салом медиҳад. Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ҳар гоҳ ба Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва ду ёраш салом

медод, одатан аз ин бештар намегуфт: "Ассалому алайка ё расулал-лоҳ, ассалому алайка ё Абӯбакр, ассалому алайка ё абатоҳ (эй падарам- Умар ибни Хаттоб)", сипас бармегашт.

Тӯлонӣ истодан ва ё дуо кардан дар назди қабри Расули Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва ду ёраш шоиста нест, зеро Имом Молик ин амалро макрӯҳ дониста, гуфтааст: "Ин бидъат аст, ки салаф онро анҷом надодаанд ва охири ин уммат ислоҳ намешавад, магар бо он чизе, ки аввали онро ислоҳ кардааст".

Аммо он чи баъзе зиёраткунандагон анҷом медиҳанд, аз қабили баланд кардани овоз дар назди қабри Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва дар он ҷо тӯлонӣ истодан, хилофи шариат аст. Аллоҳи Таъоло мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَرۡفَعُوٓاْ أَصۡوَٰتَكُمۡ فَوۡقَ صَوۡتِ ٱلنَّبِيِّ وَلَا تَجۡهَرُواْ لَهُۥ بِٱلۡقَوۡلِ
كَجَهۡرِ بَعۡضِكُمۡ لِبَعۡضٍ أَن تَحۡبَطَ أَعۡمَٰلُكُمۡ وَأَنتُمۡ لَا تَشۡعُرُونَ 2 إِنَّ ٱلَّذِينَ يَغُضُّونَ
أَصۡوَٰتَهُمۡ عِندَ رَسُولِ ٱللَّهِ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ ٱمۡتَحَنَ ٱللَّهُ قُلُوبَهُمۡ لِلتَّقۡوَىٰۚ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَأَجۡرٌ
عَظِيمٌ 3﴾

(Эй муъминон, садоятонро баландтар аз садои Паёмбар накунед; ва ҳамчунон ки бархе аз шумо бо бархе дигар баланд сухан мегӯяд, бо ӯ ба садои баланд сухан нагӯед. Мабодо бе онки бидонед, аъмолатон табоҳ гардад, 2,

Онон, ки садои худро назди расулуллоҳ поин меоваранд, Аллоҳ Таъоло дилҳояшонро барои парҳезкоре озмуда [ва холис гардонида] аст. Барои онон омурзишу подоши бузурге [дар

пеш] аст, 3) (Сураи Ҳуҷурот, оятҳои 2-3). Зеро тӯлонӣ истодан дар назди қабри он Ҳазрат ва бисёр такрор намудани салом боиси издиҳом, сару садои зиёд ва баланд шудани овозҳо мегардад, ки ин амал мухолифи он чизест, ки Худованд барои мусалмонон дар ин оятҳои муҳкам машруъ гардонидааст. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) чи дар ҳоли ҳаёт ва чи баъд аз вафот соҳиби эҳтиром аст. Пас, барои муъмин шоиста нест, ки дар назди қабри ӯ кореро анҷом диҳад, ки мухолифи одоби шаръӣ бошад.

Инчунин баъзе корҳое, ки баъзе аз зиёраткунандагон анҷом медиҳанд, монанди қасдан назди қабри ӯ рӯ ба сӯи қабр оварда, дастони худро боло бардошта дуо мекунанд, ки ин ҳама хилофи равиши салафи солеҳ, яъне асҳоби Расули Худо ва касоне, ки ба некӣ аз онҳо пайравӣ кардаанд, мебошад, балки ин аз ҷумлаи бидъатҳои навпайдо аст.

Ҳамчунин корҳое, ки баъзе зиёраткунандагон ҳангоми салом додан ба Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) анҷом медиҳанд, аз ҷумла гузоштани дасти рости худ бар дасти чап, болои сина ё зери он, монанди ҳолати намозгузор, ҷоиз нест. Зеро он ҳолати хорӣ, фурӯтанӣ ва ибодат аст, ки ҷуз барои Аллоҳ сазовор нест, чуноне ки инро Ҳофиз ибни

Ҳаҷар (раҳимаҳуллоҳ) дар «Фатҳулборӣ» аз дигар уламо нақл кардааст.

Ва барои ҳеҷ кас ҷоиз нест, ки ба воситаи сила кардани ҳуҷра ё тавофи он ба Аллоҳ тақарруб ҷӯяд ва аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) баровардани ҳоҷат ё шифои беморӣ ва монанди инҳоро талаб намояд, зеро ин ҳама танҳо аз Аллоҳи ягона талаб карда мешавад.

Барои касе, ки Мадинаро зиёрат мекунад, мустаҳаб аст, ки дар муддати иқоматаш масҷиди Қуборо зиёрат намуда, дар он намоз бихонад, зеро Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) пиёда ва савора ба он ҷо омада, ду ракъат намоз мегузорид. Ва аз Саҳл ибни Ҳунайф (разияллоҳу анҳу) ривоят шуда, ки гуфт: Расули Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:

«مَنْ تَطَهَّرَ فِي بَيْتِهِ، ثُمَّ أَتَى مَسْجِدَ قُبَاءَ، فَصَلَّى فِيهِ صَلَاةً كَانَ لَهُ كَأَجْرِ عُمْرَةٍ».

«Касе, ки дар хонаи худ таҳорат намояд, сипас ба масҷиди Қубо омада, дар он ҷо намоз бихонад, барояш монанди савоби умра аст»[1].

Барои мардон зиёрати қабрҳои Бақиъ - қабристони Мадина -, қабрҳои шуҳадо ва қабри Ҳамза (разияллоҳу анҳу) суннат аст, зеро Паёмбар (ﷺ) онҳоро зиёрат мекард ва барояшон дуо мекард. Ба далели ин ҳадис:

---

[1] Ривояти Ибни Моҷаҳ, рақами (1412).

«كُنْتُ نَهَيْتُكُمْ عَنْ زِيَارَةِ الْقُبُورِ فَزُورُوهَا، فَإِنَّهَا تُذَكِّرُكُمِ الْآخِرَةَ».

«Шуморо аз зиёрати қабрҳо наҳй карда будам, аз ин ба баъд онҳоро зиёрат кунед, зеро охиратро ба ёди шумо меорад»[1].

Ҳангоми зиёрати қабрҳо, зиёраткунанда ҳамон дуоеро мегӯяд, ки ҳангоми зиёрати дигар қабрҳо мегӯяд: "Ассалому алайкум аҳлад-диёри, минал-муъминина вал-муслимин ва инно иншоаллоҳу бикум лоҳиқун, ярҳамуллоҳул-мустақдимина минно вал-мустаъхирин, насъалуллоҳа лано ва лакумул-ъофия".

Тарҷума: "Салом бар шумо бод, аҳли ин манзил аз муъминон ва мусалмонон ва мо, агар Худо бихоҳад, ба шумо хоҳем пайваст. Худованд пешрафтагон ва дермондагони моро раҳмат кунад. Аз Худованд барои худ ва шумо офият металабем".

Ва шакке нест, ки мақсади зиёрати қабристон ёдоварии охират, эҳсон ба мурдагон тавассути дуо барои онҳо ва пайравӣ аз суннати Паёмбар (ﷺ) аст ва ин ҳамон зиёрати шаръӣ мебошад.

Аммо зиёрати қабрҳо ба қасди дуо кардан дар назди онҳо ё ба васила онҳо ва ё обрӯяшон аз Худо талаб кардан ва монанди инҳо, зиёрати бидъат ва номашруъ аст, ки онро Худо ва Расулаш (ﷺ) машруъ нагардонидаанд ва

[1] Ривояти Аҳмад дар Муснад, рақами (1236).

салафи солеҳ низ онро анҷом надодаанд. Аммо талаб кардани рафъи ҳоҷатҳо аз онҳо, ё шифои беморон ва монанди инҳо, ин аз ҷумлаи ширки акбар аст.

Хонандаи азиз, дар зер барои шумо чанде аз ҳадисҳои мавзуъ (бофта) дар ин боб зикр мешавад, то онҳоро бишносед ва аз фиреби онҳо барҳазар бошед:

Якум: "Касе, ки ҳаҷ кунаду маро зиёрат накунад, пас ба ман ҷафо кардааст".

Дувум: "Касе, ки маро баъди вафотам зиёрат кунад, пас гӯё маро дар ҳаётам зиёрат кардааст".

Севум: "Касе, ки маро ва падарам Иброҳим (а)-ро дар як сол зиёрат кунад, ман аз ҷониби Аллоҳ барояш биҳиштро замонат медиҳам".

Ва чаҳорум: "Касе, ки қабри маро зиёрат кунад, шафоати ман барои ӯ воҷиб мешавад".

Пас ин ҳадисҳо ва монанди онҳо аз Паёмбар (ﷺ) собит нашудааст. Ҳофиз ал-Уқайлӣ гуфтааст: "Дар ин боб чизе саҳеҳ нест". Ва Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар "Ат-Талхис" баъд аз зикри аксари ин ривоятҳо гуфтааст: "Ҳамаи тариқҳои ин ҳадис заиф аст". Зиёрати Масҷиди набавӣ, чи пеш аз ҳаҷ ё умра ва чи баъди онҳо аз суннатҳои ҳаҷ ё умра ва ё аз камоли онҳо нест, зеро зиёрати Масҷиди набавӣ худ як ибодати мустаҳаб аст. Пас, агар ҳоҷӣ ё умракунанда онро зиёрат накунад, гуноҳе бар ӯ нест ва байни ҳаҷ ё умра ва зиёрати Масҷиди набавӣ ҳеҷ робитае

вуҷуд надорад, зеро онҳо ибодатҳои ҷудогона мебошанд. Бинобар ин, касе, ки ҳаҷ ё умра анҷом дод, зиёрати Масҷиди набавӣ барояш лозим нест ва ҳамчунин касе, ки Масҷиди набавиро зиёрат кард, анҷом додани ҳаҷ ва умра барояш лозим намешавад. Ва агар дар як сафар байни ҳаҷ, умра ва зиёрати Масҷиди набавӣ ҷамъ намояд, боке нест.

## Хилофкориҳои зиёрати Масҷиди набавӣ

Даст молидан ба деворҳо ва панҷараҳои оҳанин ҳангоми зиёрати қабри Паёмбар (ﷺ) ва бастани риштаҳо ва монанди он дар панҷараҳо ба қасди табаррук ҷустан.

Ва баракат дар он чизест, ки Аллоҳ ва Паёмбараш (ﷺ) фармудаанд, на дар бидъатҳо.

Рафтан ба ғорҳо дар кӯҳи Уҳуд ва монанди онҳо, аз қабили ғори Ҳиро ва ғори Савр дар Макка, бастани латтапораҳо дар назди онҳо, хондани дуоҳое, ки Аллоҳ иҷозат надодааст ва таҳаммул кардани машаққат дар ин кор.

Ҳамаи инҳо аз бидъатҳое ҳастанд, ки дар шариати пок асле надоранд.

Зиёрати баъзе маконҳое, ки иддао мекунанд, аз осори Паёмбар (ﷺ) мебошанд, монанди ҷойи зону задани шутур, чоҳи ангуштарӣ ё чоҳи Усмон ва гирифтани хок аз ин маконҳо барои баракат.

Аз мурдагон хостан ҳангоми зиёрати қабристони Бақиъ ва қабристони шуҳадои Уҳуд ва партофтани пул дар назди онҳо, барои наздикӣ ҷустан ба онҳо ва баракат ҷустан аз аҳли он.

Инҳо аз ҷумлаи хатогиҳои бузург, балки аз ҷумлаи ширки бузург ҳастанд. Чуноне ки аҳли илм зикр кардаанд ва Китоби Аллоҳ ва суннати Паёмбараш (ﷺ) бар он далолат мекунад, зеро ибодат хоси Аллоҳи ягона аст ва ҷоиз нест, ки чизе аз он барои ғайри Ӯ анҷом дода шавад, монанди дуо, забҳ, назр ва амсоли инҳо, ба далели ин қавли Худованд:

(وَمَا أُمِرُوا إِلَّا لِيَعْبُدُوا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ)

(Ва эшон фармон наёфтанд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд, дар ҳоле ки дини худро барои Ӯ холис гардонанд). (Сураи Байина, ояти 5).

Аллоҳ донотар аст ва салому дуруди Аллоҳ бар Паёмбарамон Муҳаммад ва бар аҳлу байт ва ҳамаи саҳобагонаш бод.

# Феҳраст

Рисолаи кӯтоҳ дар баёни одоб ва аҳкоми зиёрати Масҷиди набавӣ ........ 2
Рисолаи кӯтоҳ дар баёни одоб ва аҳкоми зиёрати Масҷиди набавӣ ........ 2
Рисолаи кӯтоҳ дар баёни одоб ва аҳкоми зиёрати Масҷиди набавӣ ........ 2
Хилофкориҳои зиёрати Масҷиди набавӣ ........ 12

tg400v3.0 - 04/09/2026